«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
доктори илмҳои педагогика, профессор
_____________ Мирализода А.М.
«______»__________соли 2021.

## ХУЛОСАИ

### кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Диссертатсияи докторанти PhD Исуфов Шердил Ватанович дар мавзӯи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)» дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шудааст.

Исуфов Шердил Ватанович соли 2016 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси «таърих ва ҳуқуқ» хатм кардааст. Соли 2018 зинаи магистратура ва соли 2021 зинаи докторантураи PhD-и донишгоҳи мазкурро бо ихтисоси 6D020300 таърих хатм намудааст. Ӯ аз соли 2016 инҷониб ҳамчун ассистенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият мекунад.

Роҳбари илмии диссертант Сайнаков Сайнак Парпишоевич, номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад.

Диссертатсияи Исуфов Шердил Ватанович дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия шудааст. Дар раванди муҳокимаи диссертатсия иштирок намуданд: д.и.т., профессор Абдуллоев М.Х., н.и.т., дотсент Сайнаков С.П., н.и.т., и.в. профессор Аъзамов Х.С., н.и.т., дотсент Боқиев Р.У., доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси таърих Холмуродова М.Б., муаллимони калон Сафаров

Х., Носиров Х., Ҳусайнзода А., ассистентон Мирзоев С., Бозоров С.Б., Исмоилов З.И., Бадалов И., Назридодова К., Собиров С., Шамсияи Т. ва Фаризаи Д.

Кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ диссертатсияи докторанти PhD Исуфов Шердил Ватановичро муҳокима ва баррасӣ намуда, хулосаҳои зеринро пешниҳод менамояд:

Диссертатсия ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳимтарини таърихи давраи Шӯравии Тоҷикистон омӯзиши ҳолати хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб ҶШС Тоҷикистон дар солҳои ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) бахшида шуда, дар он фаъолияти меҳнатӣ ва ҳаракатҳои ватандӯстонаи деҳқонони колхозӣ, омодакунии мутахассисон ва таъмини қувваҳои истеҳсолкунандаи хоҷагии қишлоқ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва саҳми меҳнаткашони вилоят дар ғалабаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

**Муҳиммияти омӯзиши мавзуъ.** Омӯзиши таърихи хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) яке аз мавзуъҳоест, ки бе омӯхтани он арзёбии таърихи тамоми давраҳои ҷанг ва саҳми мардуми ақибгоҳ ғайриимкон аст, зеро Ҷанги Бузурги Ватанӣ яке аз рӯйдодҳои хоси таърихи давраи Шӯравии Ҷумҳурии Тоҷикистон, озмоиши сахттарин барои аҳолӣ буд, ки қаблан аз ҷониби онҳо мавриди таҷриба қарор нагирифта буд.

Аҳамияти омӯзишии мавзуъ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи мазкур то ҳол дар илми таърихи халқи тоҷик объекти алоҳидаи таҳқиқот қарор нагирифта, ки илми таърихи ватанӣ дар замони ҳозира марҳилаи азнаварзёбии бисёр далелҳо ва воқеаҳоро аз сар мегузаронад, ки ин имкон медиҳад, таърихи кишоварзӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз бисёр ҷиҳатҳо тасвири тоза касб намуда, таҳлили ҳамаҷонибаи иҷтимоии он анҷом дода шавад. Омӯзиши мушкилот дар сатҳи минтақавӣ тамоюлҳои умумии тараққиёти соҳаи кишоварзии вилояти Кӯлобро дар шароити ҳарбӣ ошкор мекунад.

Дар маҷмуъ, таҳқиқ ва инъикоси хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, фаъолияти меҳнатӣ ва ҳаракатҳои ватандӯстонаи деҳқонони колхозӣ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва саҳми меҳнаткашони вилоят дар ғалабаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ муҳиммияти мавзуи интихобшудаи таҳқиқро муайян мекунад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки бори нахуст дар таърихнигории ватанӣ масъалаи вазъи рушди хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо ҷалби доираи васеи адабиёту сарчашмаҳои муътамад таҳқиқ шудааст. Ба воқеаҳо ва далелҳои марбут ба хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бори аввал баҳои воқеӣ дода мешавад.

Аз ин рӯ, **нововарии илмии таҳқиқот** дар инҳо ифода меёбад:

- бори нахуст дар таърихнигории ватанӣ масъалаи хоҷагии деҳоти вилояти Кӯлоб дар алоҳидагӣ таҳқиқ карда шудааст;

- чорабиниҳои давлатӣ оид ба пурзӯр намудани пойгоҳи моддӣ-техникии хоҷагии деҳоти вилояти Кӯлоб таҳқиқ карда шудааст;

- вазъи масъалаи таъмин намудани соҳаи аграрӣ бо мутахассисон ва дигар қувваҳои истеҳсолӣ нишон дода шудааст;

- мубориза ю ҷонфидоии меҳнаткашони вилоят барои таъмин намудани эҳтиёҷоти ҷабҳа инъикос гардидааст;

- нақш ва корнамоиҳои сокинони деҳот дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ нишон дода шудааст;

- рушди ҳаёти маданӣ-маишии кишоварзони вилоят дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ муайян карда шудааст.

**Аҳамияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар илми таърихи ватанӣ масъалаи хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) бо мақсади баланд бардоштани ифтихори ватандорӣ ва тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии насли наврас мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Аз ин рӯ, хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии диссертатсия барои таҳқиқи минбаъдаи масъалаи мазкур заминаи илмию назариявӣ фароҳам меорад.

Чунончи зикр шуд, дар илми таърихи ватанӣ то ҳанӯз мавзуи хоҷагии кишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) объекти таҳқиқоти алоҳида қарор дода нашудааст. Таҳқиқоти мазкур бошад аввалин иқдомест, ки дар заминаи методологияи таҳқиқоти таърихӣ анҷом дода шудааст.

**Асосҳои назариявию методологии таҳқиқот.** Дар раванди омӯзиши мавзуи таҳқиқ ва таҳлилу баррасии паҳлуҳои гуногуни он асарҳои илмии олимони хориҷию ватанӣ истифода гардидаанд. Асосҳои назариявии таҳқиқотро низ хулосаҳои олимони мазкур ташкил медиҳад. Инчунин, дар раванди таҳқиқот методҳои мушаххаси илмӣ аз ҷумла, методҳои таърихият, айният, бетарафӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, татбиқӣ ва монанди инҳо васеъ истифода шудаанд. Истифодаи методҳои мазкур имкон додаанд, ки бартариҳои тараққиёти кишоварзии вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ муайян гардида, омилҳои гуногуни таъсиррасон ба ин соҳа нишон дода шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илман асоснокшуда ва умуман маводи диссертатсия дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик метавонад васеъ истифода шавад. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот барои муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши таърихи соҳаи кишоварзӣ ва нақши меҳнаткашон дар рушди ин соҳа машғуланд, аҳамияти илмию назариявӣ доранд.

Ҳамин тавр, мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор меравад. Автореферати диссертатсия муҳтавои асосии таҳқиқотро пурра ифода менамояд.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия дар шакли мақолаҳои илмӣ дар нашрия ва маҷаллаҳои илмии шомили рӯйхати маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расида, моҳият, мундариҷа ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд. Ҳаҷми умумии мақолаҳои таҳқиқотии марбут ба диссертатсия аз чор адади чопӣ иборат аст.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1 - М] Исуфов Ш.В. Ҳаёт ва фаъолияти меҳнаткашони вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ // Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. Душанбе:Дониш-2019, №4(008), - С. 27-32.

[2 - М] Исуфов Ш.В. Аз таърихи сохтмони колхозӣ дар вилояти Кӯлоб (солҳои 1930-1940) // Муаррих – 2019.-№3(19), - С. 35-41.

[3 - М] Исуфов Ш.В., Абдуллоев М.Х. Маорифи вилояти Кӯлоб дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе-2020, №3, - С. 59-63.

[4 - М] Исуфов Ш.В. Мотревич В.П. Саҳми хоҷагии қишлоқи ҶШС Тоҷикистон дар ғалабаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе, 2020. №9, - С. 77-81.

Дар маҷмуъ, мазмуну мундариҷаи таҳқиқот, маводи дар диссертатсия истифодашуда, ҷанбаҳои назариявию методологии диссертатсия ба рӯйи ихтисоси 6D020301 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мувофиқат менамояд. Диссертатсия аз рӯи натиҷаи назариявӣ ва хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ арзёбӣ мегардад.

Аз натиҷаҳои муҳокима,

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Исуфов Шердил Ватанович дар мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020301 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) пешниҳод гардидааст, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ арзёбӣ мегардад.

2. Диссертатсияи Исуфов Шердил Ватанович дар мавзуи «Хоҷагии қишлоқи вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги

Ватанӣ (1941-1945)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020301 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ба ҳимоя тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 16 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд. (Протоколи № 9 аз 21 апрели соли 2021)

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи таърихи халқи
тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
н.и.т., дотсент: Боқиев Р.У.

Котиби илмӣ, ассистент: Исмоилов З.И.

«Имзоҳои н.и.т., дотсент Боқиев Рузибек Усмович ва Исмоилов Зафар Иброҳимовичро тасдиқ мекунам»
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.

735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.
Тел.:(+992 3322) 2-35-06
E-mail:info@kgu.tj

23.04.21